ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи "Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод гардидааст.

Дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ таҷрибаҳои илмӣ оид ба меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ барои навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағири равғандиҳанда, махсусан дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор омӯхта нашудааст. Бинобар ин, дар шароити тағйирёбии иқлим, тадқиқоти илмии унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш. барои таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо равғани зағир, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш. дар корҳои илмиаш ба сифати объекти тадқиқотӣ навъҳои маҳаллии зағирро, ки онҳо дар ҷумҳурӣ ноҳиябандӣ шудаанд, аз қабили "Ҳисор 10" ва "Ҳисор – 474" – ро истифода намудааст.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ довталаб Аҳмадов Д.Ш. собит намудааст, ки истифодаи нуриҳои маъданӣ, аз қабили нуриҳои нитрогенӣ ба миқдори 60кг, фосфорӣ 60кг ва калийгӣ 45кг боиси ба даст овардни ҳосили баланди тухмии зағири навъи "Ҳисор-10" - 12сен./га-ро ташкил додааст, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ (бе истифодаи нурӣ) ба миқдори 5,1 сентнер, ё ин ки 42,5 фоиз зиёд мебошад.

Инчунин таҷрибаҳои саҳроии муаллиф нишон медиҳанд, ки дар ҳолати истифодабарии 60кг нуриҳои нитрогенӣ - 60кг, фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар ҳосилнокии тухмии зағири навъи "Ҳисор – 474" ба миқдори 9,4 сентнер баробар шудааст, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ (бе истифода нурӣ) 3,4 сентнер, ё ин ки 36,2 фоиз зиёд аст.

Аз истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдори 60кг, фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар ҳосилнокии тухмии зағир 8,9 сентнерро ташкил додааст, ки ин нисбати ба варианти назоратӣ (бе истифода нурӣ) 2,9 сентнер, ё ин ки 32,6 фоиз бештар аст.

Ҳамин тавр, маълумотҳои дар автореферат нишон дода шуда, собит месозанд, ки кори иҷрогаштаи илмии Аҳмадов Дилшодбег Шарифович, кори бисёрсолаи илмӣ ба шумор рафта, бо мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалиаш ба талаботи КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор,
мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи
растании Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон (АМИТ). Партоев Қ.

Суроға: Индекс, 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон М-1, хонаи10, утоқи 56.
Тел: (+992)101025556
Email: pkurbonali@mail.ru

Имзои Қ. Партоев - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ Умарова С. Н.

Суроғаи муассиса:
Индекс 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамова 27
Тел: (+992) 101025556
Email: ibfgr@bk.ru

04 сентября соли 2026